# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи “Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резервати биосферии Ромит”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) пешниҳод гардидааст.**

Дар ҳоли ҳозир, сарфи назар аз аҳамияти ҷиддии геоэкологӣ ва сайёҳии экологӣ доштани ҳудуди резервати биосферии Ромит, ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан мавриди таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои геоэкологӣ ва сайёҳии экологии он, мушаххас кардани ҳудуди он, инчунин коркарди механизми истифодабари устувори онҳо тавассути рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ, мубрамӣ ва зарурияти мавзуи интихобшударо нишон медиҳад.

Рушди экотуризм дар қаламрави ҳудуди биосфераи Ромит самти муҳими истифодаи устувори табиат мебошад, ки ҳифзи муҳити зистро бо рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа омезиш медиҳад. Дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии экологӣ ва таваҷҷӯҳи афзоянда ба шаклҳои экологии сайёҳӣ, омӯзиши шароити геоэкологии ин қаламрав аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Резервати Ромит, ки дар доманаи ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷойгир аст, дорои захираҳои беҳамто ва беназири табиӣ аз қабили флора ва фаунаи гуногун, манзараи зебо ва афсонавӣ, оби тоза ва иқлими мусоид, мебошад. Ин хусусиятҳои геоэкологӣ онро ҳамчун минтақаи ояндадор барои рушди экотуризм мегардонад, ки ба гуногунии биологӣ ва экосистемаи табиӣ, баланд бардоштани фарҳанги экологии аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ин минтақа мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди иқтидори баланд доштани ин минтақа, рушди экотуризм дар он бо як қатор мушкилотҳо (набудани инфрасохтори нокифоя, дастрасии маҳдуд ба иттилоот, ҳамоҳангсозии суст байни сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ) рӯ ба рӯ мешавад. Ин муносибати ҳамаҷонибаи

илмиро барои арзёбии шароити геоэкологӣ, муайян кардани омилҳои маҳдудкунанда ва таҳияи стратегияҳои рушди устувор талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, мавзӯъ на танҳо аз нуқтаи назари ҳифзи табиат, балки ҳамчун воситаи рушди устувор, ки манфиатҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро муттаҳид мекунад, мубрам ва саривақт аст.

Дар шароити имрӯза мавзуи интихобшуда актуалӣ маҳсуб ёфта, натиҷаҳои назаррас дар автореферати диссертатсия овардашуда қобили дастгирӣ мебошанд.

Дар боби якум «**Асосноккунии назариявӣ-методологии сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли устувори истифодабарии табиат**» тамоюлоти ҷаҳонӣ ва роҳҳои рушди СЭ аз тарафи муаллиф таҳлил гардидааст. Дар ин боб моҳияти СЭ ҳамчун шакли оқилонаи истифодабарии табиат, роҳҳои геоэкологии омӯзиши фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи ҲТММ ошкор гардидаанд.

Дар боби дуюм **«Хусусиятҳои геоэкологии таркибҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуди «РБР»** маълумоти муққадимавӣ дар бораи резерват оварда шуда, тавсифи табиии минтақаҳои геосистемавӣ, шароитҳои геологӣ-геоморфологӣ, шароитҳои иқлимӣ, қабати хоки ҳудуди резерват, инчунин, дигар, маълумот оид ба олами наботот ва ҳайвоноти табиати мавзеъ гирд оварда шудааст.

Дар боби савум **«Харитаи роҳбаладии фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «РБР»** масъалаи омӯзиши вазъи соҳаи сайёҳии ҳудуди «РБР» таҳлил карда шуда, дар он ҷанбаҳои асосии фаъолияти СЭ, механизми идоракунии устувори танзими раванди истифодабарии захираҳои СЭ оварда шудааст. Ҳамзамон, моҳияти модели комплексии таҳиягардидаи рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ барои шароити резерват ҷорӣ намуда, нақши элементҳои алоҳидаи он, аз қабили: ташкилотӣ, идоракунӣ, табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва омилҳои таърихӣ-фарҳангӣ таҳлил карда шудааст.

Аммо бо баробари муваффақиятҳои дар автореферат ҷойдошта, камбудиҳое низ ҷой доранд, ки агар муаллиф аҳамияти бештар медод, сифати таҳқиқот боз ҳам беҳтар мегардид:

1. Робитаи мутақобила ва роҳандозии механизми ташаккулёфта, дурнамо ва афзалияти ташаккули фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар заминаи баҳогузорӣ ва нерӯи захиравии ҳудудӣ ба назар намерасад.

2. Дар расми 6-и автореферат робитаи синергиявии унсурҳои асосии таъмини захиравии рушди СЭ нишон дода нашудааст. Маълум нест, ки унсурҳо тариқи кадом принсип алоқамандӣ доранд.

Новобаста аз ин, боиси қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзӯи: “Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди “Резервати биосферии Ромит” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз руйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география), ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география мебошад.

**Муқарриз:**
Мудири кафедраи географияи иқтисодӣ
ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ Имомёрбеков Ф.М.

Имзои Имомёрбеков Ф.М. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

18.07.2025

**Суроғаи муассиса**:
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Тел.: (+992-37)2271510
E-mail: info@tnu.tj